# ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ БРОКЕРӢ №____

«     » __________ 2020 с.                                                                                              ш. Душанбе

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “ПРАЙМИНВЕСТ”, ки иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок буда, минбаъд «Брокер» номида мешавад, дар шахсияти Директор Негматов Қадриддин Фархидинович, аз як тараф ва, ки минбаъд «Мизоҷ» номида мешавад, дар шахсияти __________________ аз тарафи дигар, дар якҷоягӣ «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи мазкурро дар мавриди зайл бастанд:

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Шартномаи мазкур танзимгари муносибатҳои ба миёнмеомадаи ҷонибҳои Шартнома вобаста ба анҷом додани амалиётҳои мушаххас вобаста ба хариду фуруши коғазҳои қиматноки Мизоҷ аз ҷониби Брокер бо шарт ва тартиби дар Шартномаи мазкур муқаррар гардида, ки аз ҷониби тарафҳо тасдиқ шудааст, мебошад. Шартномаи мазкур метавонад аз ҷониби худи Мизоҷ/намояндаи Мизоҷ имзо шавад ва дар шакли коғазӣ ба Брокер (ё намояндаи он) пешниҳод гардад.

1.2. Тамоми мафҳумҳое, ки дар Шартномаи мазкур ва замимаҳо ба он истифода мешаванд, бо ҳамон маъноҳое, ки дар Регламенти хизматрасонии брокерӣ (минбаъд - Регламент), ки қисми таркиби Шартномаи мазкур мебошад, муқаррар шуда татбиқ карда мешаванд.

## 2. МАТЛАБИ ШАРТНОМА

2.1. Матлаби Шартнома аз ҷониби Брокер бастани аҳди гражданӣ - ҳуқуқӣ вобаста ба харид ва фурухта шудани коғазҳои қиматнок (аз он ҷумла дар майдончаҳои савдои хориҷӣ ва воситаҳои молиявии хориҷӣ) бо супориши Мизоҷ аз ном ва аз ҳисоби Мизоҷ бо мукофотонидани дахлдор, ки дар Шартномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, мебошад.

2.2. Ҷонибҳои Шартномаи мазкур созиш намудаанд, ки амалиёти аз ҷониби Брокер иҷро шаванда вобаста ба фурухта шудан ва харидори гаштани коғазҳои қиматноки Мизоҷ дар платформаи Биржаи Фондии Осиёи Маркази аз ном ва бо супориши Мизоҷ анҷом дода мешавад.

2.3. Тибки Шартномаи мазкур Тарафхо созиш намудаанд, ки пешниҳод намудани дигар хизматрасониҳои Брокер музднок мебошанд ва ба арзиши мукофотпулии дар Шартномаи мазкур мувофиқа гардида ворид гардидаанд.

## 3. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

**3.1. Ҳуқуқҳои Брокер:**

3.1.1. Брокер аз ном ва аз ҳисоби Мизоҷ амал намуда, ҳуқуқ дорад аҳдро вобаста ба харид ва фурухта шудани коғазхои киматнок миёни Мизоҷ ва дигар харидорони потенсиалии бо Мизоҷ мувофиқа гардидаро бандад.

3.1.2. Бо мувофиқаи пешаки бо Мизоҷ, Брокер ҳуқуқ дорад, ки дар як замон ба сифати намояндаи тиҷоратии ду мизоҷ дар як аҳд бошад, аз он ҷумла мизоҷоне, ки соҳибкор намебошанд.

3.1.3. Брокер ҳуқуқ дорад иҷроиши супориш барои аҳд/амалиётро, ки аломатҳои қаллобӣ, истифодаи иттилооти дохилӣ (инсайдерская информация), қонуни гардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст оварда ё маблағгузории терроризм дорад, дигар аломатҳое, ки нисбати онҳо аз ҷониби Брокер гумони он мешавад, ки аҳд/амалиёт бо мақсади вайрон намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад, рад кунад.

3.1.4. Дигар ҳуқуқҳое, ки Регламент пешбинӣ намудааст.

**3.2. Ӯҳдадориҳои Брокер:**

3.2.1. Брокер ӯҳдадор мебошад Супоришҳои Мизоҷро бо тартиби қабул кардани онҳо, бо шартҳои беҳтарини имконпазир ва бо риоя кардани талаботҳои пешбинишудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намояд.

3.2.2. Брокер ӯҳдадор аст Супоришҳои Мизоҷро дар мувофиқатии аниқ бо шартҳои муҳими Супориш бо назардошти маҳдудиятҳои муқаррар намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шартномаи мазкур иҷро намояд.

3.2.3. Брокер ӯҳдадор аст ба Мизоҷ бо дархости хаттии ӯ, дар давоми 5 (панҷ) рузи кори аз лаҳзаи ба даст овардани чунин дархост иттилоотро оиди иҷроиши супориши Мизоҷ пешниҳод намояд ва дар навбати худ Брокер вазифадор аст, ки доир ба имконнопазир будани амали/иҷро шудани Супоришҳои Мизоҷ уро дар давоми 5 (панҷ) рузи кори тариқи хаттӣ огоҳ намояд.

3.2.4. Брокер ӯҳдадор аст ба ҳисобгирии дохилии ҷудогонаи молу мулки Мизоҷро дар Суратҳисоби сармоягузорӣ, инчунин дар қисмати Портфелҳо ва Суратҳисобҳои алоҳидаи Мизоҷ, ҷудо аз воситаҳои пулӣ ва коғазҳои қиматноки худ, пеш барад.

3.2.5. Брокер ӯҳдадор аст ҳамчун иштирокчии савдо вобаста ба иҷрои Супоришҳои Мизоҷ сари вақт дархостҳои дахлдорро барои бастани аҳдҳо ба Ташкилкунандагони савдо пешниҳод намояд.

3.2.6. Дигар ӯҳдадориҳое, ки Регламент пешбинӣ намудааст.

**3.3. Ҳуқуқҳои Мизоҷ:**

3.3.1. Тибқи тартиби пешбини намудаи Шартномаи мазкур Мизоҷ ҳуқуқ дорад супоришҳоро барои аз ҷониби Брокер бастани аҳд ва амалиётҳо бо Молу мулк диҳад.

3.3.2. Мизоҷ ҳуқуқ дорад иттилоотро оиди рафти иҷроиши Супориш аз Брокер дархост намояд.

3.3.3. Дигар ҳуқуқҳое, ки Регламент пешбинӣ намудааст.

**3.4. Ӯҳдадориҳои Мизоҷ:**

3.4.1. Мизоҷ ӯҳдадор аст мукофот ва хароҷотҳои Брокерро дар мӯҳлат ва тартиби пешбини намудаи Шартномаи мазкур пардохт намояд.

3.4.2. Мизоҷ ӯҳдадор аст ваколатномаҳои бо таври дахлдор ба расмият даровардашуда, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо ва иттилоотро, ки ба Брокер барои иҷрои амалҳо аз рӯи Шартномаи мазкур ва барои аз ҷониби Брокер иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, заруранд, ба Брокер пешниҳод намояд.

3.4.3. Мизоҷ ӯҳдадор аст иттилооти биржавиеро, ки аз Брокер қабул кардааст, танҳо бо мақсади қабули қарор оиди додани супоришҳо ба Брокер барои бастани аҳдҳо дар Биржа истифода барад (агар тартиби дигаре бо Қоидаҳои савдо ё созишнома бо Брокер пешбинӣ нашуда бошад).

3.4.4. Новобаста аз лаҳзаи оғози гузаронидани амалиётҳо, Мизоҷ ӯҳдадор аст ба Брокер хароҷотҳоро вобаста ба нигоҳ доштани ҳисобҳои тибқи Шартнома кушодашуда, дар ҳаҷми бо Мизоҷ пешакӣ мувофиқашуда ҷуброн намояд.

3.4.5. Дар мавриди таъин намудани шахси ваколатдор барои ихтиёрдорӣ кардани суратҳисоб ва бастани шартномаҳо аз номи Мизоҷ, Мизоҷ ӯҳдадор аст ваколатномаро ба номи шахси мазкур ва Анкетаи намояндаи Мизоҷро пешниҳод намояд.

3.4.6. Мизоҷ ӯҳдадор аст иттилоотро оид ба моликони бенефитсиарии худ ба Брокер пешниҳод намояд.

3.4.7. Мизоҷ ӯҳдадор аст бо ҳамаи хавфҳо вобаста ба бастани аҳд бо Воситаи молиявии дахлдор то додани Супориш ба Брокер барои бастани аҳд бо чунин Восита, аз он ҷумла бо амалҳои корпоративии гузашта ва дарпешистодаи Эмитент (ахборотҳо оид ба азнавташкилдиҳӣ/барҳамдиҳии эҳтимолии Эмитент, қабули қарор оиди пардохт ва ҳаҷми даромад, оиди барориш, табдилдиҳӣ, харидорӣ намудан, пардохт намудани коғазҳои қиматнок ва дигар), ки метавонанд ба қарори Мизоҷ оид ба бастани аҳд бо чунин Восита таъсир расонанд, шинос шавад,

3.4.8. Дигар ӯҳдадориҳое, ки Регламент пешбинӣ кардааст.

## 4. ТАРТИБИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲО

4.1. Барои хизматрасониҳо тибқи Шартномаи мазкур Мизоҷ ба Брокер мукофотро пардохт менамояд.

4.2. Мизоҷ ҳамаи хароҷотҳоеро, ки аз ҷониби Брокер оиди иҷрои Шартномаи мазкур, инчунин хароҷотхое, ки аз ҷониби Брокер дар натиҷаи қонеъ гардонидани даъвоҳои шахсони сеюм амалӣ шудаанд, ки вобаста ба хизматрасониҳо аз рӯи Шартномаи мазкур ба Брокер дахл доранд, ҷуброн менамояд.

4.3. Мувофики Тарофаҳои Брокер, ҳаҷми мукофоти Брокер баробар аст ба 0,5% аз маблағи аҳди бо супориши Мизоҷ басташуда вобаста ба хариди қоғазҳои қиматнок. Дар ҳолати аз ҷониби Брокер бо супориши Мизоҷ фурухтани қоғазҳои қиматноки Мизоҷ, ба Брокер ягон мукофотпулӣ пардохт карда намешавад. Тартиби ҳисоббаробаркунӣ, инчунин тартиб ва мӯҳлатҳои пардохти мукофот бо Регламент муайян мегарданд. Брокер дар охири ҳар моҳ ба Мизоҷ ҳисобномаро аз рӯи комиссияҳои ҳисобшуда пешниҳод менамояд ва Мизоҷ ӯҳдадор мешавад, ки маблағи ҳисобномаро дар муддати як ҳафта пас аз гирифтани ҳисобнома ба Брокер пардохт намояд.

4.4. Дар ҳолате, ки агар Брокер аҳдро бо шартҳои фоиданоктар назар ба онҳое, ки дар Супориши Мизоҷ барои аҳд қайд шудаанд, бандад, фоидаи иловагӣ байни Брокер ва Мизоҷ тақсим карда намешавад, балки моликияти Мизоҷ мебошад.

4.5. Пардохти мукофоти Брокер ҳам бо асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (сомонӣ) ва ҳам бо асъори хориҷӣ вобаста аз тартиби пардохт тибқи Регламент амалӣ карда мешавад.

4.6. Мизоҷ пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳоро мустақилона амалӣ менамояд.

4.7. Муқаррароти дигаре, ки Регламент пешбинӣ намудааст.

## 5. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

5.1. Дар мавриди иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби яке аз Тарафҳо аз рӯи Шартномаи мазкур, Тарафи айбдор ӯҳдадор аст ба Тарафи дигар зарари бо чунин ичро накардан ё иҷрои номатлуб расонидашударо ҷуброн намояд.

5.2. Брокер дар ҳаҷми зарари воқеие, ки ба Мизоҷ дар натиҷаи ҳама гуна амалҳо (беамалиҳои) кормандони Брокер, ки ба ҳама гуна ичро накардан/иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои пешбининамудаи Шартномаи мазкур ва замимаҳои он овардаанд, расонида шудааст, ҷавобгар мебошад. Зарари Мизоҷ, ки метавонад дар натиҷаи амал (беамалии) дигар шахсҳо, инчунин худи Мизоҷ ба вуҷуд оянд, ба зимаи худи Мизоҷ вогузор карда мешаванд.

5.3. Мизоҷ ҷавобгарии пурраро барои ҳамагуна зарар ва/ё зараре, ки ба Брокер бо гуноҳи Мизоҷ расонида шудааст, аз он ҷумла барои ҳама гунна зарар/ зиёне, ки дар натиҷаи аз ҷониби Мизоҷ пешниҳод накардани (саривақт пешниҳод накардани) иттилоот оиди тағйир ёфтани маълумотҳои Мизоҷ ва/ё ҳуҷҷатҳои пешбини намудаи Шартномаи мазкур ва замимаҳо ба он расонида шудааст, ва зарари ба Брокер расонидашуда дар натиҷаи ғалат нишон додани иттилоот дар ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Мизоҷ пешниҳодшуда, ба ӯҳда дорад.

5.4. Мизоҷ ҷавобгарии пурраро барои ҳама гуна зарар ва/ё хисорот ба Брокер, ки дар натиҷаи ошкор кардан, фош намудан ва/ё аз нав ба вуҷуд овардан, ва/ё паҳн намудан ё истифодабарии бе иҷозат иттилооте, ки Мизоҷ мувофиқи Шартномаи мазкур ба даст овардааст (аз он ҷумла иттилооти биржавӣ), ба ӯҳда мегирад.

Дар мавриди аз тарафи Мизоҷ истифода намудани иттилооти биржавӣ бо вайрон кардани шартҳои Шартномаи мазкур, Брокер ҳуқуқ дорад нисбати Мизоҷ яке аз чораҳои ҷавобгарии зеринро бо ихтиёри худ татбиқ намояд:

- огоҳӣ оиди вайрон намудан нисбати истифодабарии иттилооти биржавӣ дар шакли хаттӣ;
- боздоштани пешниҳоди иттилооти биржавӣ ба Мизоҷ то бартараф намудани вайронкуниҳои аз ҷониби Мизоҷ роҳ додашуда нисбати истифодабарии иттилооти биржавӣ;
- қатъ намудани пешниҳоди иттилооти биржавӣ ба Мизоҷ.

5.5. Брокер барои натиҷаҳои қарорҳои сармоягузории Мизоҷ, ки дар асоси маводҳои таҳлилӣ ва ахборотҳои иттилоотии аз ҷониби Брокер пешниҳодшаванда (аз он ҷумла тавсияҳои савдоӣ) қабул шудаанд, ҷавобгар намебошад.

5.6. Брокер барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби шахсони сеюм аз рӯи аҳдҳое, ки барои иҷроиши Супориши Мизоҷ ба Брокер баста шудаанд, ҷавобгар намебошад.

5.7. Агар Брокер дархост барои аҳдро дар асоси супориши Мизоҷ саривақт ба ташкилкунандагони савдо пешниҳод намуда, аммо бо сабаби вазъи дар бозор пайдошуда супориши Мизоҷиҷро нашавад, дар ин ҳолат Брокер ҷавобгар намебошад.

5.8. Брокер барои ҳама гуна оқибатҳое, ки дар натиҷаи пардохтнопазирии эмитентҳо ба амал меоянд, ҷавобгар намебошад.

5.9. Брокер барои ҳама ҳолатҳои нокомии расонидани ахборотҳои иттилоотӣ (аз он ҷумла тавсияҳои савдоӣ), ки аз ҷониби Брокер ба Мизоҷ ирсол мегарданд, ҷавобгар нест. Бо ин Мизоҷ надоштани даъворо нисбати Брокер дар ҳолате, ки агар расонидани ахборотҳои аз ҷониби Брокер ба Мизоҷ ирсолшаванда бо сабабҳои техникӣ ғайриимкон бошад, эътироф мекунад.

5.10. Масъулиятҳои дигаре, ки Регламент пешбинӣ намудааст.

## 6. ТАРТИБИ БАТАНЗИМДАРОРИИ БАҲСҲО

6.1. Ҳамаи баҳсҳо ва ихтилофҳое, ки миёни Тарафҳо дар ҷараёни иҷроиши ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худ аз рӯи Шартномаи мазкур ё вобаста ба он ба амал меоянд, аз он ҷумла вобаста ба иҷро намудан, вайрон кардан, қатъ намудан ё бе эътибор будани он, Тарафҳо кӯшиш менамоянд ба воситаи гуфтушӯнид ҳаллу фасл намоянд.

6.2. Дар ҳолате, ки агар баҳси миёни Тарафҳо бавуҷуд омадаро бо роҳи гуфтушӯнид ҳаллу фасл кардан ғайриимкон бошад, чунин баҳс бояд дар мақомотҳои судӣ бо тартиби пешбини намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда шавад.

## 7. МАХФИЯТ

7.1. Брокер ӯҳдадор аст доираи кормандони худро, ки ба маълумот оиди Мизоҷ дастрасӣ доранд, то шумораи барои иҷрои ӯҳдадориҳои пешбини намудаи Шартномаи мазкур зарур буда, маҳдуд намояд.

7.2. Брокер махфияти иттилоотро (маълумотро) таъмин менамояд ва ӯҳдадор мешавад, ки ба шахсони сеюм маълумотро оиди суратҳисобҳо, амалиётҳои савдо ва ғайрисавдо, реквизитҳо ва дигар маълумотро оиди Мизоҷ, ки ба Брокер вобаста ба аз ҷониби ӯ амалӣ намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо аз рӯи Шартномаи мазкур маълум гаштаанд, ошкор накунад.

7.3. Иттилооти махфӣ дар бораи Мизоҷ метавонад ба шахсони зерин пешниҳод карда шавад:

- Мизоҷ;
- шахсони ваколатдори Мизоҷ;
- Агентии рушди бозори коғазҳои қиматнок ва бақайдгирии махсусгардонидашудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои он ҳангоми гузаронидани санҷишҳои фаъолияти Брокер;
- шахсе, ки рухсатро ба иттилоот (маълумотҳои шахсӣ) ва коркарди он оиди шахсони воқеӣ - Мизоҷ/намояндаи Мизоҷ, дар асоси розигии Мизоҷ/намояндаи Мизоҷ барои амалӣ кардани чунин коркард, дастрас кардааст;
- контрагентҳо аз рӯи Аҳд нисбати Мизоҷҳо - шахсони ҳуқуқӣ.

7.4. Аз ҷониби Брокер ошкор намудани иттилооти махфӣ ба шахсони сеюм вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби Брокер аз рӯи шартномаҳо, агар чунин иҷроиш тибқи муқарраротҳои онҳо ва Шартномаи мазкур амалӣ карда шудааст, хусусан ошкор намудани иттилоот ба ташкилкунандагони савдо

дар бозори коғазҳои қиматнок, маҳфуздорандаҳо, ташкилотҳои клирингӣ ва ҳисоббаробаркунӣ, инчунин брокерҳои боло зикр, вайрон намудани шартҳои махфият намебошад.

7.5. Ӯҳдадориҳо оиди риояи махфият дар давоми 5 (панҷ) соли баъди қатъ шудани ҳамкории Тарафҳо дар доираи Шартномаи мазкур эътибор доранд.

7.6. Дар сурати аз ҷониби яке аз тарафҳои Шартнома ошкор кардани Иттилооти махфӣ ба шахсоне, ки дар Шартномаи мазкур нишон дода нашудаанд, инчунин дар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ накардааст, тарафе, ки дар натиҷаи ин ҳуқуқҳои он вайрон гаштаанд, ҳуқуқ дорад аз тарафи дигар ҷуброн намудани зарари ба ӯ расонида шударо тибқи тартиби муқаррар намудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

## 8. ҲОЛАТҲОИ ҚУВВАИ РАФЪНОПАЗИР (ФОРС-МАЖОР)

8.1. Тарафҳо аз ҷубронкардани зараре, ки дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои худ аз рӯи Шартномаи мазкур ба вуҷуд омадаанд, озод мебошанд, агар чунин иҷро накардан/иҷрои номатлуб дар натиҷаиба вуҷуд омадани ҳолатҳои қувваи рафънопазир (форс-мажор), ки пас аз бастани Шартномаи мазкур ба амал омадаанд ва аз иродаи Тарафҳо вобаста намебошанд, ҷой дошта бошад.

8.2. Ба ҳолатҳои қувваи рафънопазир дохил мешаванд: амалҳои ҷангӣ, офатҳои табиӣ, сӯхтор, корпартоиҳо, бетартибиҳои оммавӣ, тағйирот дар қонунгузории граждании ё андоз, қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, тағйирдиҳӣ ё қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, ки шароитҳои иҷроиши Шартномаи мазкурро ба таври назаррас бад мегардонанд ё иҷроиши Шартномаи мазкурро пурра ё қисман имконнопазир мегардонанд.

## 9. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ШАРТНОМАИ МАЗКУР ВА ЗАМИМАҲОИ ОН

9.1. Ворид намудани тағйирот ва/ё иловаҳо ба Шартнома ва ҳама гуна замимаҳои он, инчунин ба Регламент аз ҷониби Брокер бо тариқи яктарафа амалӣ карда мешавад, ба истиснои банди 4 Шартномаи мазкур (Тартиби ҳисоббаробаркуниҳо), ки ворид намудани тағйирот ва/ё илова ба ин банди 4 Шартнома ба тариқи яктарафа мумкин нест. Ворид намудани тағйирот ва/ё иловаҳо ба Регламент ва/ё замимаҳои он метавонад дар шакли таҳрири нав амалӣ карда шавад.

9.2. Тағйирот ва/ё иловаҳое, ки аз ҷониби Брокер ба Шартнома ва/ё Регламент (замимаҳои онҳо)ворид карда мешаванд, бо Фармони мақоми иҷроияи инфиродии Брокер тасдиқ карда мешаванд.

9.3. Огоҳ намудани Мизоҷ оиди ворид намудани тағйирот ва/ё иловаҳо ба Шартнома ва/ё замимаҳои он бо роҳи нашрнамудани онҳо дар сомонаи Брокер дар шабакаи интернет на дертар аз як моҳ то санаи эътибор пайдо кардани онҳо, амалӣ мегардад.

9.4. Нашр кардани тағйирот ва/ё иловаҳо ба Шартнома ва/ё замимаҳои он дар сомонаи Брокер дар шабакаи интернет аз он шаҳодат медиҳад, ки Брокер ӯҳдадориҳои худро оиди огоҳ намудани Мизоҷон ба таври дахлдор иҷро намудааст.

9.5. Тартиби ҳамкории Тарафҳо, ки бо Шартномаи мазкур ва/ё замимаҳои он муқаррар шудаанд, метавонад бо созишномаи хаттии Тарафҳо тағйир/илова карда шавад.

## 10. ТАРТИБИ РАД КАРДАНИ ИҶРОИШИ ШАРТНОМА

10.1. Мизоҷ ва/ё Брокер ҳуқуқ доранд дар ҳар кадом лаҳза аз иҷроиши Шартномаи басташуда бо тариқи яктарафа бе баён кардани сабаби рад кардан бо роҳи огоҳ кардани хаттии тарафи дигар на дертар аз 30 рӯз то санаи эҳтимолии радкунӣ аз рӯи шакле, ки дар Замима ба Шартномаи мазкур муқаррар шудааст, даст кашанд.

10.2. На дертар аз 5 (панҷ) рӯзи корӣ то санаи қатъ намудани Шартнома, ки дар Огоҳиномаи дахлдор оиди қатъ шудани Шартнома ҳам бо ташаббуси худи Мизоҷ ва ҳам бо ташаббуси Брокер қайд гардидааст, Мизоҷ ӯҳдадор аст тибқи Шартнома ва замимаҳои он ҳамаи ӯҳдадориҳои худро дар назди Брокер иҷро намояд ва Молу мулки худро боз пас гирад.

## 11. ОГОҲИНОМА

11.1. Бо имзо кардани Шартномаи мазкур Мизоҷ тасдиқ мекунад, ки ӯ бо ҳамаи иттилооти дар бораи хатарҳо, ки дар Дастурамал зикр гардидааст, шинос шудааст ва тамоми хавфҳои эҳтимолиро, ки бо анҷом додани амалиётҳо дар бозори коғазҳои қиматнок вобаста мебошанд, инчунин хавфҳое, ки воқеан дар Регламент қайд нашудаанд, бар души худ мегирад.

11.2. Бо ин Мизоҷ огоҳ мебошад ва розигии худро барои аз ҷониби Брокер сабт кардани гуфтугӯҳои телефонии Мизоҷ ва Брокер (кормандони Брокер) медиҳад.

11.3. Мизоҷ тасдиқ мекунад, ки ӯ аз ҷониби Брокер бо Эъломия дар бораи хавфҳо, ки бо харидани коғазҳои қиматнок ва воситаҳои молиявӣ, инчунин коғазҳои қиматнок ва воситаҳои молиявии хориҷӣ алоқаманд буда, дар банди мазкур шарҳ дода шудааст, шинос мебошад.

11.4. Мизоҷ тасдиқ мекунад, ки коғазҳои қиматноки аз ҷониби ӯ харидашуда дар ҶСП «Маҳфуздорандаи марказӣ» нигоҳ дошта мешаванд.

11.5. Муқаррароти дигаре, ки дар Шартномаи мазкур қайд нашудаанд, дар Регламент пешбинӣ гардидаанд. Дар ҳолати мухолифати ягон муқаррароти Регламент бо ягон муқаррароти Шартномаи мазкур, муқаррароти Шартномаи мазкур бартарият дорад.

## 12. СУРОҒА ВА РЕКВИЗИТҲОИ БОНКИИ ТАРАФҲО

**Брокер: ҶДММ “ПРАЙМ ИНВЕСТ”**
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Бохтар 37/1,
РМА: 040049191
Телефон: (+992) 37 227-73-96
E-mail: info@primeinvest.tj
Сомона: www.primeinvest.tj
Бонк: ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон»
МФО: 350101858
С/М: 20402972918581
С/Ҳ: 20202972800010000156

**Мизоҷ:**
Суроға:
РМА:
Телефон:
E-mail:
Бонк:
МФО:
С/М:
С/Ҳ:

**Брокер:**

**Негматов Қ.Ф.** ________________
**ҷ.м**

**Мизоҷ:**

________________
**ҷ.м**